# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗАҲО ОИД БА ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

Бо мақсади пешгирии зӯроварӣ дар оила, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” қабул гардидааст.

**Ёдовар шудан лозим аст!**

Зӯроварӣ дар оила, ин кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзоёни оила, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии аъзоёни оила мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

## Қонун шаклҳои зерини зӯровариро дар оиларо муайян намудааст:

– зӯроварии ҷисмонӣ дар оила;
– зӯроварии рӯҳӣ дар оила;
– зӯроварии шаҳвонӣ дар оила;
– зӯроварии иқтисодӣ дар оила.

## Мақомотҳои зерин ба сифати пешгирикунандагони зӯроварӣ дар оила муқаррар шудаанд:

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
– Мақомоти давлатии кор бо занон ва оила;
– Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак;
– Мақомоти корҳои дохилӣ;
– Мақомоти соҳаи маориф;
– Мақомоти соҳаи тандурустӣ;
– Мақомоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
– Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо.

## Мақомотҳое, ки дар пешгирӣ ва таъқиби зӯроварӣ дар оила нақши муҳим доранд:

– Прокуратура;
– Суд.

## Ҷавобгарии маъмурӣ барои зӯроварӣ дар оила

Барои риоя накардани талаботи қонунгузории ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила , яъне содир намудани кирдори қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодӣ ё таҳдиди содир намудани онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, агар ин кирдор боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила гардад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят, ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шуда, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад (аз 144 то 360 сомонӣ).

## Амрномаи муҳофизатӣ

### Бояд донист!

Ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ё шахсе, ки таҳдиди содир намудани онро мекунад, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ амрномаи муҳофизатӣ дода мешавад. Амрномаи муҳофизатӣ ба муҳлати то 15 рӯз дода мешавад. Муҳлати амрномаи муҳофизатӣ, дар асоси аризаи ҷабрдида бо дархости сардори мақомоти корҳои дохилӣ ва розигии прокурор метавонад то 30 рӯз дароз карда шавад.

Амрномаи муҳофизатӣ нисбати шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда талаботҳои зеринро дар бар мегирад:

- манъ кардани ҳама гуна зӯроварӣ нисбати ҷабрдида, аз ҷумла бар хилофи хоҳиши ҷабрдида анҷом додани ҷустуҷӯй, пайгирӣ, ташриф, муошират ва дигар муносибатҳое, ки ҳуқуқу озодиҳои ҷабрдидаро маҳдуд месозанд;
- тавсия барои дар вақти муайян ба манзили истиқоматӣ ҳозир шудан;
- манъ кардани истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва моддаҳои мадҳушкунанда дар вақти амали амрномаи муҳофизатӣ.

### Дар хотир дошта бошед!

Барои риоя накардани амрномаи муҳофизатӣ, ки ба шахси зӯроварӣ дар оила содирнамуда дода мешавад, ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 360 то 720 сомонӣ) ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз таъйин карда мешавад (моддаи $93^2$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ).

### Фаромӯш набояд кард!

Илова ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани амрномаи муҳофизатӣ нисбати шахси зӯроварӣ дар оила содирнамуда инчунин ҷавобгарии дигар метавонад татбиқ шавад, аз ҷумла барои дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дашном додан, ба таври таҳқиромез дарафтодан ба одамон, ҳамчунин содир намудани дигар кирдорҳои ба ин монанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ ва осудагии одамонро халалдор мекунад, ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда, ба андозаи аз ҳафт то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 504 то 720 сосонӣ) ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз ҷазо таъйин карда мешавад (моддаи 460 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ).

## Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зӯроварӣ дар оила

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор кирдорҳои зӯроварона содиршавандае ҳастанд, ки барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла:

***Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ:***

- моддаи 104 - одамкушӣ;
- моддаи 109 - ба худкушӣ расонидан;
- моддаи 110 - қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ;
- моддаи 111 - қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;
- моддаи 116 - латукӯб;

- моддаи 117 - азобу уқубат;
- моддаи 120 - таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба
- саломатӣ;
- моддаи 124 - ба исқоти ҳамл маҷбур сохтани зан.

***Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият:***
- моддаи 130 - одамрабоӣ;
- моддаи 130[1] -савдои одамон;
- моддаи 131 - ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ;
- моддаи 134 - маҷбуркунӣ.

***Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ:***
- моддаи 138 - таҷовуз ба номус;
- моддаи 139 - ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ;
- моддаи 140 - маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ;
- моддаи 141 - алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст;
- моддаи 142 - ҳаракати бадахлоқона.

***Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ:***
- моддаи 238 – ба фоҳишагӣ ҷалб намудан;
- моддаи 239 - ташкил ё нигаҳдошти фоҳишахонаҳо, даллагӣ ё занҷаллобӣ.

***Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон:***
- моддаи 164 - монеъ шудан ба гирифтани маълумоти ҳатмии умумии асосӣ (нӯҳсола);
- моддаи 168 - ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида;
- моддаи 169 - бастани ақди никоҳ дар ҳаққи шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст;
- моддаи 170 - дузанагӣ ё серзанагӣ;
- моддаи 177 - бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон.

## Донистан зарур аст!

Тибқи Кодекси ҷиноятӣ, дидаю дониста содир намудани ҷиноят нисбати зани ҳомиладор, шиканҷа нисбати чунин зан, инчунин нисбати кӯдаки хурдсол, ноболиғ, шахси дигари бепаноҳ ё нотавон ё шахсе, ки дар тобеияти гунаҳгор мебошад, чун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо мебошанд ва боиси татбиқи ҷазои вазнинтар мегардад.

## Аз мурочиат оид ба ҳолати зӯроварӣ дар оила набояд тарсид!

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» нисбат ба шахси ҳимояшаванда метавонанд дар як вақт якчанд ё яке аз чораҳои амниятии зерин татбиқ карда шаванд:

- муҳофизати шахсӣ (муҳофиз);
- муҳофизати манзил ва молу мулк;
- додани воситаҳои махсуси мудофиаи шахсӣ, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар;
- таъмини махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда;
- кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ;
- иваз намудани ҳуҷҷатҳо;
- тағйир додани симои зоҳирӣ;
- дигар кардани ҷои кор (хизмат) ё таҳсил;
- ҷойгиркунонии муваққатӣ дар маҳалли бехатар.

### Бояд донист!

Кирдорҳои ҷиноятии содиршуда, аз тарафи Мақомоти корҳои дохилӣ ва прокуратура мавриди тафтишот қарор дода шуда, дар сурати тасдиқ шудани гунаҳгорӣ, бо ҳукми суд ҷазо таъин карда мешавад.

## Парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ

Парвандаҳо оид ба ҷинояти дар моддаҳои 112 (расонидани зарраи сабук ба саломатӣ) ва 116 (лату куб) - и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ эътироф мешаванд. Парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида ва ё намояндаи қонунии ӯ аз тарафи суд оғоз карда шуда баррасӣ мешаванд. Дар ҳолати оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда, суд пешбурди парвандаро қатъ менамояд.

## Диққат!

Дар зер намунаи аризаҳо пешниҳод шудаанд. Дар ҳолати дучор шудан ба зӯроварӣ дар оила, Шумо метавонед бо истифода аз намунаҳои пешниҳодшуда ба мақомоти дахлдор мурҷиат намоед.

*Намунаи 1*

**Ба ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари аризадиҳанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати аризадиҳанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони аризадиҳанда)*

**АРИЗА**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки дар суроғаи дар боло қайдшуда бо ҳамроҳии ҳамсар ва фарзандонамон истиқомат менамоем.

Бо шавҳарам ______________ (*ному насаб*) аз соли 2010 ақди никоҳи қонунӣ баста, аз зиндагии якҷоя соҳиби се фарзанд мебошем. Шавҳарам солҳои охири зиндагиамон мунтазам ба нушидани нушокиҳои спиртӣ машғул шуда, дар ҳолати мастӣ ба хона омада, доимо мунокиша карда, нисбати ман кирдорҳои хусусияти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ намуда, дар муносибатҳои оилавиамон аз ҷиҳати иқтисодӣ мо аҳли оиларо ба мушкилиҳо оварда, уҳдадориҳои худро барои таъмин намудани аҳли оила иҷро накарда, ҳуқуқҳои моро поймол менамояд. Инчунин ба таври таҳқиромез бо ман доимо дар даромадгоҳи хона ва дар назди ҳамсояҳо дарафтида, тартиботро дар бинои истиқоматиамон вайрон намуда, осудагии ҳамсояҳоро халалдор мекунад.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки нисбати шавҳарам ________________ *(ному насаб*), истиқоматкунандаи шаҳри _________, кӯчаи ________, хонаи _____, чораи қонунӣ андешед.

**Замима:**

1. Нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
2. Нусхаи шаҳодатномаҳои таваллуди фарзандон.

**Аризадиҳанда:** __________________ __. __.  
(ному насаб)

__________________  
(имзо)

“_____” __________________ _______  
(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 2*

**Ба ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари аризадиҳанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати аризадиҳанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони аризадиҳанда)*

**АРИЗА**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки дар суроғаи дар боло қайдшуда, бо ҳамроҳии шавҳар ва фарзандонамон истиқомат менамоем.

Бо шавҳарам ______________ *(ному насаб)* аз соли 2010 ақди никоҳи қонунӣ баста, аз зиндагии якҷоя соҳиби се фарзанд мебошем.

Шавҳарам солҳои охири зиндагиамон мунтазам ба нушидани нушокиҳои спиртӣ машғул шуда, дар ҳолати мастӣ ба хона омада, доимо муноқиша карда, нисбати ман дар назди фарзандонамон зӯроварӣ нишон медиҳад, ки оид ба тасдиқи ин ҳолат санади муоинакунонии тиббӣ аз санаи 02.01.2023 сол таҳти №010-ро пешниҳод карда метавонам.

Дар бораи амалҳои ғайриқонунии шавҳарам _____________ *(ному насаб)* ба нозири минтақавӣ муроҷиат намудам ва ӯро бозпурсӣ намуда, корҳои фаҳмонидадиҳӣ гузаронид, аммо корҳои фаҳмонидадиҳӣ ва таъсиррасонӣ ягон натиҷаи дилхоҳ надод.

Пас аз муроҷиат ба мақомоти корҳои дохилӣ, шавҳарам ____________ *(ному насаб)* баръакс ҳаракатҳои зӯровариро нисбати ман мунтазам намуда, маро доимо зери лату куб қарор медиҳад, ки барои тасдиқи ин ҳолат санадҳои муоинакунонии тиббӣ аз санаи 10.01.2023 сол таҳти №026 ва аз 20.01.2023 сол таҳти №036 - ро пешниҳод менамоям.

Дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии шавҳарам ман азобу уқубат кашида, аз ҷиҳати рӯҳӣ азоб кашида истодаам ва дигар илоҷ надорам, зеро ман ва фарзандонамон аз ҷиҳати моддӣ ба шавҳарам вобастагӣ дорем.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки нисбати шавҳарам ______________ *(ному насаб),* истиқоматкунандаи шаҳри __________, кӯчаи ________, хонаи _____, чораи қонунӣ дида шавад.

**Замима:**

1. Нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
2. Нусхаи шаҳодатномаҳои таваллуди фарзандон;
3. Нусхаи санадҳои муоинакунонии тиббӣ.

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __. ____________________

(ному насаб) (имзо)

"____" ____________________ _______

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 3*

**Ба Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Ҷабрдида:** *(насаб, ном ва номи падари аризадиҳанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати аризадиҳанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони аризадиҳанда)*

**Айбдоршаванда:** *(насаб, ном ва номи падари, санаи таваллуд, ҷои таваллуд, миллат, маълумот, шуғл, суроғаи истиқомат)*

**АРИЗАИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ**
**«Дар бораи бо моддаҳои 112 ва 116-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан»**

Бо ҳалномаи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри ____________ аз санаи 12.04.2022 сол ман бо фарзандам ______________ (*ному насаби фарзанд*) ба манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри __________, кӯчаи __________, хонаи ________ маскун шуда, дар як қисми ҳавлии мазкур дар ҳуҷраҳои зисти масоҳаташон 16,1 $м^2$ ва аз 1/2 қисми долон маскун карда шудаам.

Ҳангоми дар ҷои истиқоматиам қарор доштанам, дар санаи 20.07.2022 сол, тахмина соати 18:51 ҳангоми ба саҳни ҳавли баромаданам, айбдоршаванда __________ *(ному насаби айбдоршаванда)* бе асос бо ман ҷанҷол бардошта, маро бо дастонаш лату куб намуд, ки дар натиҷа зарар ба саломатиам гирифтам.

Аз рӯи ин амалаш ба ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри __________ муроҷиат намуда, дар асоси роҳхати ШВКД барои муоина ба Маркази ҷумҳуриявии ташхисгоҳи тиббӣ судии Вазорати тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва аҳолии ҶТ муроҷиат намудам, ки оид ба ин санади тиббӣ-судӣ таҳти №351 аз санаи 22.07.2022 сол дода шудааст, ки дар он зарари ба ман расонидашуда зарар ба саломати мансуб набуда нишон дода шуда, ҳолати лату куб шуданам нишон дода шудааст.

*Тибқи талаботи моддаи 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лату кӯб ё содир намудани ҳаракати дигари зӯроварӣ, ки дарди ҷисмонӣ расонидаанд, вале боиси оқибатҳои дар моддаи 112 ҳамин Кодекс зикршуда нагардидаанд, бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати то яксаду бист соат ё бо ҷарима ба андозаи то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.*

Ин амалҳои айбдоршаванда __________ *(ному насаби айбдоршаванда)* бар хилофи меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқ буда, тибқи асосҳои пешбининамудаи моддаи 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят ба ҳисоб меравад, чунки

айбдоршаванда ___________ *(ному насаби айбдоршаванда)* маро лату куб намуда, ба саломатиам зарари ҷисмонӣ расонид.

Маротибаи дуюм, санаи 31.07.2022 сол тахминан соатҳои 11:50 дақиқа, ҳангоми дар манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри ___________, кӯчаи ___________, хонаи _________ дар дохили ҳуҷраи зистам қарор доштанам, айбдоршаванда ____________ *(ному насаби айбдоршаванда)* ба ҳуҷраи зисти ман даромада, ҷанҷол бардошта, маро бе асос лату куб намуд. Ман ба нозири минтақавӣ занг зада, хоҳиш кардам, ки ба ҷои ҳодиса ҳозир шаванд. Вақте, ки нозирони минтақавӣ ба манзили истиқоматии зикршуда ҳозир шуд, ман беҳуш будам ва маро нозирони минтақавӣ об пошида ба ҳуш оварданд ва гирифта ба мошин савор карда ба ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансур оварда, ба ман роҳхат доданд, ки барои муоинаи тиббӣ равам. Дар санаи 31.07.2022 сол дар Маркази ҷумҳуриявии ташхисгоҳи тиббӣ судии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аҳолии ҶТ муоинаи тиббӣ гузашта, бо санади шаҳодатгардонии тиббӣ-судӣ аз санаи 31.07.2022 сол таҳти №316 муайян карда шуд, ки дар натиҷаи лату куб намудани айбдоршаванда, ба саломатии ман зарари сабук расидааст.

*Тибқи талаботи моддаи 112 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси ба муҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ ё андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат гардидааст, бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз ҳаштод то яксаду шаст соат ё бо ҷарима ба андозаи то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё ҳабс ба муҳлати то чор моҳ ҷазо дода мешавад.*

Ин амалҳои айбдоршаванда ___________ *(ному насаби айбдоршаванда)* бар хилофи меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқ буда, тибқи асосҳои пешбининамудаи моддаи 112 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят ба ҳисоб меравад, чунки айбдоршаванда маро лату куб намуда, ба саломатиам зарари сабуки ҷисмонӣ расонидаанд.

*Тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 112 ва 116 пешинишудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ эътироф гардида, бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида, намояндаи қонунии ӯ оғоз карда мешавад ва пешбурди парванда дар ҳолати оштӣ шудани ӯ бо айбдоршаванда қатъ карда мешавад.*

*Тибқи талаботи қисми 1-и моддаи 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаи айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ бо роҳи ба суд додани ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс оғоз карда мешавад.*

Амалҳои содирнамудаи айбдоршаванда ___________ *(ному насаби айбдоршаванда)* бо санадҳии тиббӣ-судӣ ва баёноти шоҳидон, ки ба суд даъват карда мешаванд, тасдиқ мегардад.

Бинобар ин, зарур аст, ки нисбати айбдоршаванда ___________ *(ному насаби айбдоршаванда)* бо аломатҳои моддаҳои 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии моддаҳои 24, 352, 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд-

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Нисбати айбдоршаванда __________ *(ному насаби айбдоршаванда)*, бо аломатҳои моддаҳои 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

**Замима:**

1. 2 адад нусхаи аризаи айбдоркунии хусусӣ;
2. Дархост оид ба қабул карда гирифтани парванда барои пешбурд;
3. Руйхати шоҳидон;
4. Нусхаи шиносномаи ҷабрдида;
5. Маълумотнома аз ҷои истиқомат;
6. Нусхаи санади тиббӣ-судӣ аз санаи 31.07.2022 сол, тахти №316;
7. Нусхаи санади тиббӣ-судӣ тахти №351 аз санаи 22.07.2022 сол;
8. Маълумотномаи клиникаи касалиҳои психиатрӣ нисбати айбдоршаванда;
9. Маълумотномаи Маркази ахборотдиҳии ВКД ҶТ нисбати айбдоршаванда.

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __. ____________________

(ному насаб) (имзо)

"____" ____________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 4*

**Ба суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Аз номи ҷабрдида** *(насаб, ном ва номи падари ҷабрдида)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати ҷабрдида)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони ҷабрдида)*

**Д А Р Х О С Т**
**«оид ба қабул карда гирифтани парванда барои пешбурд»**

Бо ариза дар бораи айбдоркунии хусусӣ нисбати айбдоршаванда ___________ *(ному насаби айбдоршаванда)*, бо аломатҳои моддаҳои 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат намудаам.

*Тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ариза бояд инҳоро дар бар гирад:*

*- дархост ба суд оид ба қабул карда гирифтани парванда барои пешбурд.*

Бинобар сабаби бо аризаи зикршуда муроҷиат намуданам, дар асоси талаботи қисми 2-и моддаи 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд-

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи аризаи айбдоркунии хусусии ман, ___________ *(ному насаби ҷабрдида)*, нисбати ___________ *(ному насаби айбдоршаванда)*, бо аломати моддаҳои 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба пешбурди суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе қабул карда шавад.

**Аризадиҳанда - ҷабрдида:** ____________________ __. __.                    ____________________
(ному насаб)                                                                    (имзо)

“_____” ____________________ ________
(санаи пешниҳод намудани дархост)

*Намунаи 5*

**РУЙХАТИ ШОҲИДОН**

«Бо аризаи айбдоркунии хусусии ман, __________ *(ному насаби ҷабрдида)* нисбати ____________*(ному насаби айбдоршаванда)*, бо аломати моддаҳои 112 ва 116 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

1. _________ (ному насаб), нозири минтақавии ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, истиқоматкунандаи шаҳри ________, кӯчаи_________, хонаи _____;
2. _________ (ному насаб), нозири минтақавии ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, истиқоматкунандаи шаҳри _________, кӯчаи _________, хонаи _____.

**Аризадиҳанда - ҷабрдида:** ___________________ __. __. ________________

(ному насаб) (имзо)

“_____” __________________ _______

(санаи пешниҳод намудани дархост)